**Бо фармоиши**
**Вазири рушди иқтисод**
**ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**"___"_________ соли 2019 №____**
**тасдиқ шудааст**

# ОИННОМАИ

## Муассисаи давлатии

## Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб»

**ш Душанбе – 2019 сол**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Муассисаи давлатии Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб», минбаъд «Муассиса» фаъолияти худро мувофиқи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомнома «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 декабри соли 2005 таҳти №191, Низомнома «Дар бораи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 № 103 «Дар бораи чораҳои аввалиндарача оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ________________________________ «Дар бораи таъсис додани муассисаҳои давлатии маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб», санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои ташкил, идора ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, оинномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

1.2 «Муассиса» мақоми идоракунандаи Минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» (минбаъд МОИ «Кӯлоб») буда, фаъолият ва рушди МОИ «Кӯлоб»-ро таъмин менамояд.

1.3 Номи пурраи «Муассиса»:

ба забони тоҷикӣ - Муассисаи давлатии Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб».

- ба забони русӣ – Государственное учреждение Администрации свободной экономической зоны «Куляб».

-ба забони англисӣ – State institution Administration of Free economic zone "Kulob".

1.4. Ҷойгиршавии «Муассиса»:

Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб,

1.5. Муассиси «Муассиса» мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба масъалаҳои ташкил, идора ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд «Муассис») мебошад.

«Муассиса» ташкилоти тобеи «Муассис» буда, дар асоси Оинномаи мазкур амал мекунад.

1.6. «Муассиса» шахси ҳуқуқӣ буда, дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун муассисаи давлатӣ амал намуда, дорои амволи мустақил дар ҳуқуқи оперативии идоракунӣ, тавозуни мустақил, суратҳисобҳои ҳисоббаробаркунӣ, асъорӣ ва ғайра дар бонкҳо, мӯҳри мудаввар бо навиштаҷоти «Минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ба забонҳои давлатӣ ва англисӣ, тамға, варақа, рамзи худ ва хусусиятҳои дигари бо тартиби муқаррарнамуда тасдиқшуда, ҳуқуқи амволӣ ва ғайриамволиро ба даст меорад, метавонад дар суд ҳамчун даъвогар ва ҷавобгар баромад кунад.

1.7. «Муассиса» аз фаъолияти асосии худ мақсади ба даст овардани даромадро надорад, вале ҳуқуқ дорад ба фаъолияти соҳибкорӣ танҳо ба қадре, ки барои мақсадҳои оинномавии он зарур аст, машғул шавад.

1.8. «Муассиса» ҳуқуқ дорад ихтиёран бо мувофиқа бо «Муассис» ба иттифоқҳо, ассосиатсияҳои шахсони ҳуқуқӣ аз рӯи аломатҳои ҳудудӣ ва ё дигар аломатҳо, ҳамчунин дар сатҳи байналмилалӣ аъзо шавад. Дар баробари ин «Муассиса» мустақилият ва ваколатҳои шахси ҳуқуқии худро нигоҳ медорад.

1.9. «Муассиса» дар асоси ваколатҳои худ бо шахсони ҳуқуқию воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷа шартнома ва созишнома бандад.

1.10. «Муассиса» ба мақсади таблиғот ва ғайра истифода бурдани рамзи худ ҳуқуқи истисноӣ дорад, инчунин дар асоси шартнома чунин истифодабариро ба дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иҷозат диҳад, бо ризоияти Муассис шахсонии ҳуқуқии дигарро таъсис диҳад.

1.11. «Муассиса» фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо мақомоти Ҷумҳуриявӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

«Муассиса» фаъолияти худро бо маъмуриятҳои дигар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои ҳамкории зич, бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва ба назар гирифтани манфиатҳои дигар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурӣ ба роҳ мемонад, ба пойдор шудани стандартҳои байналмилалии пешбурди соҳибкорӣ ва одоби корбарӣ дар тамоми қаламрави Ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

## 2. Марому мақсади фаъолияти «Муассиса»

2.1. «Муассиса» барои дастрасии мақсадҳои зерин ташкил карда мешавад:

-ҳавасмандгардонии рушди иқтидори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо роҳи ҷалби сармоягузории ватанию хориҷӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ ва менеҷмент;

-ҷалби самараноки иқтисодиёти минтақа ва кишвар ба тақсимоти байналмилалии меҳнат, равнақ додани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, афзун намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ;

-рушди шаҳрсозӣ дар минтақаҳои атрофи МОИ «Кӯлоб», ташкил намудани инфрасохтори муосири муҳандисию нақлиётӣ, телекоммуникатсионӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;

-ташкили шабақаи истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, бунёди истеҳсолоти молу маҳсулоти рақобатноки содиротӣ;

-таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо шуғл, ташкили ҷойҳои иловагии корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, беҳтар намудани қобилияти харидорӣ, афзун гардидани даромади коргароне, ки дар МОИ «Кӯлоб» кор мекунанд ва ҳалли дигар масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа.

2.2. «Муассиса» мутобиқи қонунгузории амалкунанда барои таъмини мақсадҳои оинномавӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

-рушди иқтидори иқтисодии минтақа дар асоси ҳамгироии сармоягузориҳои хориҷӣ бо воситаҳои пулию моддии корхонаю ташкилотҳои ватанӣ, ки ба шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд;

-Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ, техника ва технологияҳои муосир, ҷорӣ намудани таҷрибаи хориҷии идоракунӣ ва усулҳои нави хоҷагидорӣ;

-Ҷорӣ намудани навовариҳо ва ихтирооти илмию техникии ватанӣ ва хориҷӣ дар истеҳсолот бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар минтақаҳои дигари кишвар;

-таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа;

-кам намудани хароҷоти истеҳсолот, истифодаи пурраи захираҳои озоди меҳнатӣ, табиӣ ва дигар захираҳои маҳаллии истеҳсоли молу маҳсулот ҷиҳати зиёд намудани истеҳсоли махсулоти содиротӣ ва маҳсулоти ивазкунандаи воридотӣ;

-бунёд ва ободонии ҳудуди МОИ «Кӯлоб», ҳифз ва ҳимояи муҳити зист;

-дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» ташкил намудани инфрасохтори истеҳсолӣ дар сатҳи меъёрҳои байналмилалӣ (алоқа, нақлиёт, коммуникатсия ва ғайраҳо);

-ташакули буҷети мустақили МОИ «Кӯлоб»

-ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои МОИ «Кӯлоб»;

## 3. Ҳуқуқ, ваколатҳо ва ӯҳдадории «Муассиса»

3.1. «Муассиса» ҳуқуқ ва ваколатҳои зеринро дорад:

-таҳия ва татбиқи стратегия ва барномаи рушди МОИ «Кӯлоб», аз ҷумла нақшаи генералии рушди минтақа;

-қабули санадҳо доир ба идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар МОИ «Кӯлоб»;

-таҳияи буҷети мустақили минтақа, тасдиқи он тибқи тартиби муқарраргардида ва таъмини иҷрои он;

-таҳияи нақшаи ҷобаҷокунии субъектҳои МОИ дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб»;

-таҳияи харҷномаи хароҷот оид ба ободонии сарҳади ҳудуди МОИ «Кӯлоб»;

-таҳия ва мувофиқаи нақшаи ҷойгиршавии инфрасохторҳои гумрукӣ бо мақоми ваколатдори давлатии гумрукӣ;

-таъмини ягонагӣ ва фаъолияти самараноки МОИ «Кӯлоб»;

-таъмини рушди МОИ «Кӯлоб» бо роҳи ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ, воситаҳои молиявии ташкилотҳои ватанию хориҷӣ дар шакли қарзҳои имтиёзнок, қарз ва грантҳо дар мувофиқа бо «Муассис»;

-ташкили манъбаи иттилоотию таҳлилӣ барои таъмини фаъолият ва рушди иқтисодии МОИ «Кӯлоб»;

-ҳимояи манфиатҳои субъектҳои МОИ;

-фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалб намудани инвеститсияҳои ватанию хориҷӣ ва дигар намуди захираҳо;

-назорати риояи низоми ҳуқуқии МОИ «Кӯлоб», таҳияи тағйиру иловаҳо ба Низомнома «Дар бораи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ва Оинномаи мазкур ва пешниҳоди он барои тасдиқ ба «Муассис» тибқи тартиби муқарраргардида;

-таъмини назорати давлатӣ ва назорати истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб», инчунин риояи қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ оид ба масъалаҳои рушди МОИ «Кӯлоб»;

-пешниҳоди замин барои иҷора ба субъектҳои МОИ, инчунин дигар иншоотҳои МОИ «Кӯлоб»;

-ташкили маркази иттилоотӣ, бизнес-инкубаторҳо, анборҳо, биноҳои маъмурӣ, иншооти истеҳсолӣ ва дигар сохторҳои зарурӣ барои таъмини фаъолияти пурсамар ва рушди МОИ «Кӯлоб»;

-ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои илмӣ, лоиҳавӣ, саноатӣ, сохтмонӣ ва дигар муассисаҳо, ки барои ташкил ва таъмини фаъолияти МОИ «Кӯлоб» ҷалб мешаванд;

-баррасии бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории довталабон;

-ба довталабон додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҷойгиршавӣ ва нишонӣ ҳуқуқӣ дар МОИ «Кӯлоб»;

-ҳамоҳангсозии робитаҳои МОИ «Кӯлоб» бо бозорҳои байналмилалӣ;

-ташкили омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои МОИ «Кӯлоб»;

-ташкили конфронсҳо, машваратҳо, семинарҳо ва ғайра;

-ба имзо расонидани шартномаҳо бо субъектҳои МОИ;

-ташкил ва пешбурди дафтари бақайдгирии сертификатҳо;

-додани сертификатҳо ба субъектҳои МОИ;

-такмили шаклҳои идоракунии хоҷагии МОИ «Кӯлоб» ва амалигардонии идоракунии хоҷагӣ бо назардошти самаранокии иқтисодии истифодаи масоҳатҳои заминҳо дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб»;

-хизматрасонӣ барои гирифтан ва ба расмият даровардани раводиди даромад ва баромад, ки дар мувофиқа бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд;

-додани рухсатномаҳо барои даромадан ба ҳудуди МОИ «Кӯлоб»

-ташкил ва назорати фаъолияти воҳидҳои ҳарбикунонидашудаи ҳифзи иншооти МОИ «Кӯлоб». Сохтор ва шумораи воҳидҳои дар боло зикршуда аз Ҷониби «Муассиса» дар мувофиқа бо вазоратҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд;

-ихтиёрдорӣ ва истифодабарии амвол, воситаҳои пулӣ (аз ҷумла бо асъори хориҷӣ) дар асоси ҳуқуқи идоракунии фаврӣ қарордошта бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур пешбинӣ менамояд;

-амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ бо тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ ҷиҳати муваффақ гардидан ба мақсадҳои оинномавӣ;

-аз номи худ ба даст даровардани ҳуқуқи амволӣ ва шахсии ғайриамволӣ ва ӯҳдадориро ба зимма гирифтан, бастани шартномаҳо ва муомилоти дигар бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар асос ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ;

-аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва ҷалбшуда ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ пешниҳод намудан қарзҳо, ба иҷора додани амвол;

-ба мақсади иҷроиши вазифаҳои оинномавӣ, бо иҷозати «Муассис» таъсис намудани ташкилотҳои дорои шахси ҳуқуқӣ;

-Ҷалб намудани маблағҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ бо розигии онҳо барои ҳал намудани вазифаҳои «Муассиса», маблағгузории барномаҳои он;

-бурдани фаъолияти аҳамиятноки ҳуқуқӣ дар доираи соҳибҳуқуқии худ барои ноил шудан ба мақсадҳо ва вазифаҳои гузошта шуда, ки дар Оинномаи мазкур пешбини шудааст;

-амалигардонии дигар ваколатҳое, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомнома «Дар бораи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст.

3.2. «Муассиса» чунин ухдадориҳои асосӣ дорад:

-таъмин намудани иҷроиши қарорҳои «Муассис»;

-таъмини иҷроиши уҳдадориҳое, ки аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои баимзорасида бармеоянд;

-таъмини суғуртаи иҷтимоӣ, тандурустӣ ва дигар намудҳои суғуртаи хатмӣ барои коргарони кироя, таъмини шароити фаъолияти меҳнатӣ тибқи талаботи қонунгузории ҷорӣ ва шартномаи коллективӣ;

-саривақт пешниҳод намудани ҳисобот оид ба даромадҳои «Муассиса» ва таъмини пардохти андозҳо дар меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурӣ;

-таҳияи пешниҳод доир ба реҷаи кории МОИ «Кӯлоб»;

-омӯзиши ҳуҷҷатҳо ва таҳияи хулоса доир ба лоиҳаҳои инвеститсионии воридгашта, ва пешниҳоди лоиҳаҳои инвеститсионӣ ба баррасии «Муассис» тибқи тартиби муқарраргардида;

-дар мухлати се рӯзи баъди дастрас намудани қарор ё нусха аз протоколи комиссияи мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ аризадиҳандагон – шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷиро аз қарори қабулшуда оид ба лоиҳаи инвеститсионӣ огоҳ намудан;

-пешниҳоди нусхаи шартномаи байни «Муассиса» ва довталаб ба «Муассис» баъди ба имзо расидани шартнома бо субъектҳои МОИ оиди иҷораи иншоот ва ё қитъаи замин дар ҳудуди минтақа;

-омода намудани пешниҳоди асосноки иқтисодӣ доир ба номгӯи хизматрасонӣ ва меъёри пардохти онҳо аз ҷониби «Муассиса»;

-омода намудани пешниҳоди асосноки иқтисодӣ оид ба маблағи иҷора ва меъёри ниҳоии иҷораи масоҳати замин ва иншоотҳо, ки дар нисбати он «Муассиса» ҳуқуқи истифодабарӣ дорад;

-бо тартиби муқарраргардида  пешниҳоди ҳармоҳаи маълумот доир шаҳрвандони хориҷии ба МОИ «Кӯлоб» барои кор омода;

-пешниҳоди ҳисоботи зарурӣ оид ба фаъолият ба «Муассис»  аз рӯи намуди муқаррааргардида;

-таҳияи пешниҳод тибқи тартиби муқаррааргардида ба «Муассис» бо асосноккунии техникию иқтисодӣ доир ба мувофиқи мақсад будани дароз намудани мӯҳлати фаъолияти минтақаи озоди иқтисодӣ ё барҳам додани он.

## 4. Маблағҳо ва амволи «Муассиса»

4.1. Ҳуқуқи идораи оперативии молу мулке, ки ба «Муассиса» вобаста гардидааст, агар дар қонун ё санади дигари меъёрии ҳуқуқӣ ё қарори «Муассис» тартиби дигаре пешбини нашуда бошад, аз лаҳзаи ба «Муассиса» супоридани он ба миён меояд.

4.2. Даромад аз истифодаи молу мулки таҳти идораи оперативӣ қарор дошта, инчунин молу мулке, ки «Муассиса» мувофиқи шартнома ё дигар асосҳо ба даст овардааст, тибқи тартиби муайяннамудаи ҳамин Оиннома  ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба даст овардани моликият ба ҳуқуқи оперативии идоракунии «Муассиса» дохил мешавад.

4.3. Ҳуқуқи идораи оперативии молу мулк мутобиқи асос ва тартиби пешбининамудаи ҳамин Оиннома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба қатъ намудани ҳуқуқи моликият, инчунин дар ҳолатҳои бо қарори «Муассис» ба таври қонунӣ пас гирифтани молу мулк аз «Муассиса» қатъ мегардад.

4.4. «Муассиса» мутобиқи ӯҳдадориҳояшон оиди маблағи дар ихтиёраш қарордошта ҷавобгар мебошад.

4.5. «Муассиса» ҳақ надорад молу мулки ба ихтиёраш гузошташуда ё аз ҳисоби маблағи «Муассис»  барои хариданаш ҷудокардашударо, фурӯшад, ё онро бо усули дигар соҳибӣ намояд.

«Муассиса» ба молу мулки дар ихтиёраш гузошташуда дар доираи муайяннамудаи қонун, мутобиқи мақсади фаъолияти хеш супоришҳои «Муассис» ва таъиноти молу мулк ҳуқуқи соҳибӣ ва ихтиёрдориро дорад.

4.6. Фаъолияти «Муассиса»  дар асоси худмаблағгузорӣ амалӣ мегардад. Бо мақсади таъмини фаъолияти МОИ «Кӯлоб» буҷети мустақили МОИ «Кӯлоб» ташкил карда мешавад.

4.7. Буҷети мустақили МОИ «Кӯлоб» шакли таъсисдиҳӣ ва хароҷоти воситаҳои пулии МОИ «Кӯлоб» буда, барои амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои МОИ «Кӯлоб» истифода мегардад.

4.8. Ба буҷети мустақили МОИ «Кӯлоб» чунин даромадҳо ворид мешаванд:

-даромадҳо аз иҷораи замин, бино, иншоот ва таҷҳизоти дар ихтиёри «Муассис» қарордошта;

-арзиши сертификат;

-пардохтҳо барои ҳуқуқи даромадан ба ҳудуди МОИ «Кӯлоб» барои автомобилҳо ва техникаи гуногун;

-пардохтҳо барои рухсатномаҳои воридшавӣ ба МОИ «Кӯлоб»;

-даромадҳо аз хизматрасониҳои гуногун;

-даромадҳо аз дигар пардохтҳо барои хизматрасонӣ ба субъектҳои МОИ;

-пардохтҳои ихтиёрӣ, хайрия ва маблағҳои ҷудошуда аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;

-даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ, илмӣ-тадқиқотӣ ва дигар намуди фаъолиятҳо, ки Оинномаи мазкур пешбинӣ намудааст;

-маблағҳои тибқи смета аз буҷети давлатӣ воридшаванда;

4.9. Дар доираи муайяннамудаи Оинномаи мазкур, «Муассиса» дар амалисозии фаъолият ва идоракунии амволи ба вай тааллуқдошта, бо шумули воситаҳои пулие, ки пас аз пардохти ҳамагуна ӯҳдадориҳои ҳатмӣ боқӣ мондааст, мустақил мебошад.

4.10. Даромад аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар даромадҳо танҳо барои мақсадҳои оинномавӣ истифода мешаванд ;

## 5. Мақомоти идоракунанда

5.1. «Муассиса»-ро Роҳбар сарварӣ менамояд.

5.2 Роҳбар аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди «Муассис» ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Муовинони Роҳбар бо пешниҳоди Роҳбар бо фармоиши Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешаванд.

5.3. Роҳбари «Муассиса»:

-ҳуқуқ ва вазифаҳои «Муассиса»-ро таъмин менамояд;

-МОИ «Кӯлоб»-ро дар ҳама ташкилотҳои ватанӣ, хориҷӣ, байналмилалӣ, корхонаҳо, бонкҳо ва муассисаҳо намояндагӣ менамояд;

-барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш вогузоршуда шахсан масъул аст;

-сохтор, нақшаи идоракунӣ ва басти вазифавиро таҳия менамояд ва барои тасдиқ ба «Муассис» пешниҳод менамояд;

-кормандони «Муассиса» ва намояндагии «Муассиса»-ро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

-маблағхо ва амволи «Муассиса»-ро мутобиқи Оинномаи мазкур идора менамояд, шартнома, аз ҷумла шартномаҳои меҳнатӣ мебандад, бовариномаҳо медиҳад;

-дар бонкҳо суратҳисобҳо ва дигар ҳисобҳоро мекушояд;

-қарорҳо мебарорад ва фармоишҳо медиҳад, ки иҷрои он барои ҳамаи кормандони «Муассиса» ҳатмӣ мебошад;

-дар доираи харҷномаи тасдиқшуда шартҳои пардохти музди меҳнати кормандони «Муассиса»-ро муайян менамояд;

-ҳуҷҷатҳои дохилии Муассисаро тасдиқ менамояд;

-иҷрои қарорҳои «Муассис»-ро таъмин менамояд.

5.4. Роҳбар дар баробари дигар вазифаҳо инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти мувофиқашудаи «Муассиса»-ро бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди МОИ «Кӯлоб» амалӣ менамояд.

## 6. Намояндагии «Муассиса»

6.1. Намояндагӣ воҳиди алоҳидаи «Муассиса» мебошад, ки берун аз маҳалли Ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати «Муассиса»-ро ҳифз ва намояндагӣ менамояд, аз номи он аҳдҳо ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад.

6.2. Намояндагиҳо шахси ҳуқуқӣ намебошанд. Онҳо аз ҷониби «Муассиса» таъсис гардида дар асоси Низомномаи алоҳида амал мекунанд.

6.3. Роҳбарони намояндагӣ аз ҷониби Роҳбари «Муассиса» таъин гардида, дар асоси ваколатномаи ӯ амал мекунанд.

6.4. Намояндагии «Муассиса» дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, дар давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, Чин, Эрон, Руссия ва Аморати Муттаҳидаи Араб ташкил карда мешаванд.

## 7. Қатъи фаъолияти «Муассиса»

7.1.«Муассиса» бо қарори «Муассис» дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Низомнома «Дар бораи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ» барҳам дода мешавад.